# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

аз 30 марти соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Ҷамшедов М., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – раиси комиссия, Сафозода А.К., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, Валиев Н.Ш., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Асрорзода Абдулло Саттор **хулосаи** зеринро қабул намуд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мубрам буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ҳалли масоили афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии равандҳои асосии такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифтааст.

Ҳамкории самараноки давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ яке аз механизмҳои муҳими ҳавасмандсозӣ, дастгирӣ ва ташкили муҳити мусоиди рушди соҳибкорӣ дониста мешавад. Тамоюли ҷаҳонии рушди иқтисоди муосир нишон медиҳад, ки кишварҳо дар татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ, сармоягузорӣ ба инфрасохтор ва хизматрасониҳо ҳарчи бештар бахши хусусиро ҷалб менамоянд. Дар ҳамин замина, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба як воситаи

муҳими таъмини рушди устувор, ҳалли мушкилоти молиявӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо табдил ёфтааст.

Аз ин нуктаи назар, зарурати таҳқиқи масъалаҳои мавҷудаи такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрамияти мавзуи таҳқиқотии интихобшударо нишон медиҳанд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 31 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи соҳибкорӣ ба шумор рафта, он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ), ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-63 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 (№488/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 3 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6.Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2) Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Аминов Иномҷон – д.и.и., профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- Сафаров Ҷовидон Азизмадович – н.и.и., дотсент, декани факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3) Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъин карда шавад.

4) Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи**
**экспертӣ, д.и.и., дотсент** **Иброҳимзода И.Р.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**д.и.и, дотсент** **Ҷамшедов М.**

**д.и.и., дотсент** **Сафозода А.К.**